**САФОРАТИ ҶОПОН ТОҶИКИСТОН**

Шаҳри Душанбе, кӯчаи Х.Назаров, 80/А
Тел: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

From the People of Japan

**EMBASSY OF JAPAN TAJIKISTAN**

80/A, Kh. Nazarov Str., Dushanbe, Tajikistan
Tel: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

# АНҶОМИ ЛОИҲАИ СОХТМОНИ БИНОИ ИЛОВАГӢ БАРОИ МАКТАБИ №9 ДАР ШАҲРИ НОРАК ДАР ДОИРАИ КӮМАКИ РАСМИИ РУШДИ ҶОПОН

**Душанбе, ТОҶИКИСТОН**

27 августи соли 2024 ҷ-би **Тошиҳиро АИКИ**, Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамроҳ бо ҷ-би **Шермуҳаммад ШОҲИЁН**, раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси намояндаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Норак ва хонум **Фирӯза ШАРИФИ**, раиси шаҳри Норак дар маросими ба итмом расидани **«Лоиҳаи сохтмони биноИ иловагӣ барои мактаби №9 дар шаҳри Норак»** иштирок кардан. Дар ин маросим ҳамчунин намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, муалимон, талабагон ва сокинони деҳа ширкат доштанд.

Барои татбиқи ин лоиҳа, дар доираи барномаи Ҳукумати Ҷопон “Кӯмакҳои бебозгашт ва амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ” (GGP) бо маблағи $97,541 доллари ИМА грант ҷудо карда шуд. Пеш аз ба итмом расидани лоиха, ба мактаббачагон лозим меомад, ки дар шароити номусоид тахсил кунанд. Биноѝ мактаб мазкур, ки соли 1956 сохта шуд, аслан барои 1200 нафар талабагон ба нақша гирифта буд. Ҳоло дар он зиёда аз 1700 нафар мактаббачагон таҳсил мекунанд. Мактаббачагон ба сабаби аксари синфҳо пур буданд, баъзе хонандагон маҷбур мешуданд, ки ба мактабҳои ҳамсоя, ки 3 километр дур аз мактаб, барои таҳсил раванд. Бинобар замин дар доираи лоиха дар шаҳри Норак, деҳаи Энергетик барои мактаби раками 9 бинои нави дорои 6 синфхона сохта шуд. Лоиҳаи мазкур мушкилоти мавҷударо ҳал карда имкон медиҳад ки, ҳаммаи хонандагон дар мактаби рақами 9 таҳсил кунанд. Татбиқи лоиҳаи мазкур барои беш аз 1700 нафар мактаббачагон шароити бароҳат, бехатар ва барҳавои таълим фароҳам оварда, сифати таҳсили онҳоро беҳтар менамояд.

Дар маросим Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **ҷ-би Тошиҳиро АИКИ,** раисҳоро ва сокинони деҳаро бо анҷоми бомуваффақияти лоиҳа табрик гуфта, қайд кард, ки Ҷопон дар тӯли беш аз 30 соли ба даст овардани истиқлолияти Тоҷикистон ба халқи тоҷик ҳамчун як дӯсти хуб дар соҳаҳои гуногун кӯмак кардааст ва маориф яке аз бахшҳои муҳими ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Ҷопон мебошад.

Раиси шаҳри Норак ва сокинони деҳа барои кумакҳои расонидашуда ба Ҳукумат ва мардуми Ҷопон изҳори сипос намуданд.

Ҳукумати Ҷопон ният дорад дастгирии рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистонро идома диҳад.

*Кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ “GGP” тарҳи Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд мебошад. Кӯмакҳои бебозгашти лоиҳаҳои амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ, соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, ҳамчунин ба созмонҳои ғайридавлатӣ расонида мешавад. Аз соли 1996 то инҷониб, кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ **464** лоиҳаро ба маблағи умумии **$38, 2** миллион доллари ИМА дар Тоҷикистон амалӣ намудааст, аз ҷумла 150 лоиҳа дар соҳаи маориф.*

*Для более подробной информации о GGP:* https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html








